**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**

**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**

**________ Хушвахтзода Қ.Х.**

**«25»____11____ 2021 с.**

ХУЛОСАИ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи «Нақши матбуоти даврии тоҷик дар тарғиби фарҳанги миллӣ» (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Озодагон» ва «Миллат», солҳои 2010-2015) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар давраи таълифи диссертатсия Олимиён Сабрина Шамсулло дар кафедраи матбуоти факултети журналистика ба ҳайси аспирант ба кори пажӯҳишӣ машғул буд.

Ӯ соли 2015 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иттилоот ва робита хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни «Таърих ва фалсафаи илм» 30-юми июни соли 2016, «Забони хориҷӣ» 28-ми октябри соли 2016, «Ихтисос» 25-уми октябри соли 2021 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15.03.2022 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Мухторӣ Қудбиддин – номзади илми филология, дотсент.

**<u>Дар натиҷаи муҳокима чунин хулоса шуд:</u>**

Тарғиби фарҳанги миллӣ ҷузъи муҳимми фаъолияти матбуоти даврӣ аст, зеро ҳастии ҳар миллатро фарҳанг ва тамаддуни он муайян менамояд. Фарҳанги миллат тавассути наслҳо ҳифз гардида, ба наслҳои баъдӣ

интиқол меёбад. Дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии мардум омилҳои такондиҳандае мавҷуданд, ки метавонанд боиси тақвият, рушду устувории аркони фарҳангӣ ва ё сабаби коста гардидану аз байн рафтани унсурҳои он гарданд.

Воситаҳои ахбори омма, бахусус матбуоти даврӣ аз воситаҳои хеле муҳим ва омили нигоҳдорандаи расму ойинҳои мардум ба шумор мераванд. Дар ин самт махсусан нақш ва хидмати матбуоти даврии замони истиқлолият бузург аст. Дар ин замон матбуоти даврӣ на танҳо ба эҳёи фарҳанги миллӣ, тарғиби арзишҳои он ва инкишофи анъанаҳои фарҳанги асили тоҷикон таваҷҷуҳи бештар намуд, балки масъалаҳои марбут ба фарҳангро дар меҳвари контексти мундариҷавии худ қарор дод.

Зарурати интихоб ва таҳқиқи мавзӯъ бар он далолат медиҳад, ки дар замони муосир, дар шароити ҷаҳонишавӣ, мавзуи фарҳанги миллӣ, муносибати фарҳангии мардуми Тоҷикистон, таҳаммулпазирӣ ба фарҳанги миллатҳои дигар масъалаҳое мебошанд, ки иртиботи оммавиро тавассути воситаҳои ахбори имрӯза инъикос менамоянд.

Дар пажӯҳиши мавзӯъ аспирант кӯшиш намудааст, ки бо такя ба пажӯҳишҳои баанҷомрасида, маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Миллат», «Озодагон» ва сомонаҳои онҳо таҳлилу баррасӣ намуда, нақши матбуоти давриро дар инъикоси тарғиби фарҳанги миллӣ муайян намояд.

Дар диссертатсия бо назардошти хусусияти мавзуъ, имконияти таҳқиқ ва арзишмандии он, баррасии масъала аз ду ҷанба – таърихи ташаккул, махсусияти шакливу мундариҷавӣ ва вижагиҳои жанрӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Диссертант дар ҷараёни таҳқиқи мавзӯъ назари худро бо далелҳо асоснок намудааст. Ӯ бо баррасиҳои худ собит месозад, ки нашрияҳои даврии Тоҷикистон барои тарғиби фарҳанги миллӣ ва нигоҳдории арзишҳои миллӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба инъикоси ҷашнҳои умумимиллӣ, ба мисли Наврӯз, Меҳргон ва Сада зиёд намудааст. Дар мавриди инъикоси

ҷашнҳои динӣ бештар ба ҷанбаи тарбиявию ахлоқии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Рӯзноманигорон дар баробари инъикоси маросимҳои динӣ бештар ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, хайру саховат, инсонгароӣ, худдорӣ аз исрофкорӣ барин масъалаҳоро ба миён мегузоранд.

Аз ҷониби рӯзноманигорон бошад мушкилоти фарҳанг ва ҳувияти миллӣ проблемагузорӣ мешавад. Онҳо дарк кардаанд, ки фурсати пешгирӣ аз омезиши фарҳангҳо расидааст, аммо стратегияҳои мушаххас, ки қобили қабул бошад, пешниҳод намегардад.

Муҳтавои рисола ва таҳлилу баррасиҳои мавзуъ нишон медиҳанд, ки аспирант ба мақсади бамиёнгузоштаи худ расидааст.

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ навишта шуда, дар ҷараёни таҳқиқу таҳлил ва собитсозии назару андеша муаллиф аз манбаъҳои гуногуни таърихӣ, адабиёти илмӣ, маводи матбуоти даврӣ, осори пажӯҳишии муҳаққиқони ватанӣ доир ба таърихи халқи тоҷик ва фарҳангу анъанаҳои миллӣ, ки дар рисолаҳо, маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ, ва ғайра инъикос гардидаанд, фаровон ва ба маврид истифода намудааст.

Дастовардҳои ин рисоларо метавон дар ҷараёни тадриси курсу семинарҳои махсус, таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалии соҳаи журналистика истифода кард.

Натиҷаҳои тадқиқоти аз ҷониби аспирант ба анҷом расонидашуда дар шакли маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2016-2021) баён шудааст.

Мазмуни асосии диссертатсияи илмии Олимиён Сабрина Шамсулло дар 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 11 мақола дар маҷаллаҳои илмии ба номгӯйи нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилгардида инъикос шудааст.

**А. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М] Астанақулова Ҷ. Инъикоси фарҳанги оиладорӣ дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли рӯзномаи “Ҷумҳурият”, соли 2015). – Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2016. – №4/6(212). – С. 270-273;

[2-М] Астанақулова Ҷ. Инъикоси танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли сомонаи "Ҷумҳурият" ва рӯзномаи "Миллат", соли 2010). – "Номаи Донишгоҳ"-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров. – 2017. – №3(52). – С. 142-146;

[3-М] Астанақулова Ҷ. Проблемагузорӣ ва усули баррасии масъалаҳои фарҳанг дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли маводи рӯзномаи "Ҷумҳурият" ва ҳафтаномаи "Миллат" дар соли 2015). – "Номаи Донишгоҳ"-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров. – 2017. – №4(53). – С. 156-160;

[4-М] Астанақулова Ҷ. Инъикоси арзишҳои этникӣ ва фарҳангии ҷӯгиёни маскуни Тоҷикистон дар матбуот (дар мисоли ҳафтаномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" ва "Миллат"). – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– 2017. – №4/1. – С. 299-302;

[5-М] Астанақулова Ҷ. Арзишҳои миллӣ дар шароити бархӯрди фарҳангҳо дар мисоли сомонаи www.jumhuriyat.tj ва сомонаи www.ozodagon.tj соли 2011- 2012). – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2018. – №1. – С. 273-276;

[6-М] Астанақулова Ҷ. Махсусияти ташаккули сомонаҳо дар медиамуҳити Тоҷикистон.– Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. – 2018. – №2.– С. 203-207.

[7-М] Астанақулова Ҷ. Махсусияти мавзуӣ ва жанрии хабарҳои фарҳангӣ дар матбуот (дар мисоли рӯзномаҳои "Ҷумҳурият" ва "Миллат"). – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. –2018. – №7. – С. 311-314;

[8-М] Олимиён С. Ш. Мавқеи жанрҳои хабарӣ дар рӯзномаҳои "Ҷумҳурият" ва "Ҷавонони Тоҷикистон" соли 2014-2015". – Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2020. – №7. – С. 267-273;

[9-М] Олимиён С. Ш. Мавқеи жанри пурсиш-посух дар тарғиби масъалаҳои фарҳангӣ дар матбуот (дар мисоли сомона ва ҳафтономаҳои “Озодагон”, “Ҷавонони Тоҷикистон”, “Миллат”). – Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. – 2021. – №2 (91). – С. 208-210;
[10-М] Олимиён С. Ш. Ҷойгоҳи жанри пурсиш-посух дар сомонаҳо ва ҳафтаномаҳои “Миллат” ва “Ҷавонони Тоҷикистон”. – Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2021.– №2 (39). – С. 78-81.
[11-М] Мухторӣ Қ., Олимиён, С.Ш. Ҷашнҳои сегона дар матбуоти даврӣ (дар мисоли сомонаҳои www.jumhuriyat.tj ва www.millat.tj) [Матн] / Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. – 2022. – №1(96).– С. 200-206.

**Б. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[12-М] Астанақулова Ҷ. Инъикоси фарҳанги оиладорӣ дар мусоҳибаҳои матбуотӣ (дар мисоли рӯзномаи “Ҷумҳурият”, соли 2015). – Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии олимони ҷавони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон “Мактаби сулҳпарваронаи Пешвои миллат – роҳнамои ҷавонон барои имрӯзу ояндаи дурахшон” бахшида ба 20-солагии Ваҳдати миллӣ ва Соли ҷавонон, 18-19 майи соли 2017. – Душанбе, 2017. – Саҳ. 261-262;
[13-М] Олимиён, С.Ш. Отражение социальной жизни карлуков в периодической печати Таджикистана [Текст] / С.Ш. Олимиён // Тюрко-монгольский мир Большого Алтая: историко-культурное наследие современность: материалы II Международного алтаистического форума. Барнаул: Изд-во Алт.ун-та,2021.– С. 461- 464.

Диссертатсияи Олимиён Сабрина Шамсулло «Нақши матбуоти даврии тоҷик дар тарғиби фарҳанги миллӣ» (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Озодагон» ва «Миллат», солҳои 2010-2015) ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои матбуот, телевизион ва радиошунавонӣ, журналистикаи байналхалқӣ, услубшиносӣ

ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 17 нафар, «зид» ва «бетараф» нест.

**Қарори №4 аз 19 ноябри соли 2021.**

| | |
|---|---|
| **Мудири кафедраи матбуот, номзади илми филология, дотсент** | **Усмонова Н. К.** |
| **Мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ, номзади илми филология, дотсент** | **Гулов С.Н.** |
| **Мудири кафедраи журналистикаи байналхалқӣ, номзади илми филология, дотсент** | **Қутбиддинов А.Ҳ.** |
| **Мудири кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ, доктори илми филология, профессор** | **Ҷӯраева М.Р.** |
| **Котиби илмӣ, номзади илми филология, дотсент** | **Бозорзода Н. Ш.** |

**Имзоҳои Усмонова Н.К., Гулов С.Н., Қутбидинов А.Ҳ., Ҷӯраева М.Р. ва Бозорзода Н. Ш.- ро тасдиқ мекунам: сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э. Ш.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН · TAJIK NATIONAL UNIVERSITY · УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

**Суроғa:**
**734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,**
**www.tnu.tj**
**Тел: (+992) 8342264715**